«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино д.и.т., профессор
_____________Гулзода М.Қ.
«13» ___________соли 2017.

# ҚОИДАҲОИ ТАРТИБОТИ ДОНИШҶӮӢ ДАР ДДТТ БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**Донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон** ба номи Абӯалӣ ибни Сино шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷиест, ки дар асоси тартиботи муқаррарнамудаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино таҳсил намуда, дараҷаи муайяни таҳсилот ва ихтисоси мутахасиси соҳаи тандурустиро соҳиб мешавад.

## ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮ:

1.Бандҳои қоидаҳои тартиботи донишҷӯии қабулгардидаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Синоро риоя намояд.

2. «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ»-ро риоя намояд.

3. Дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, инчунин, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо рафтори накӯ ва ахлоқи ҳамидаи худ намунаи ибрат бошад.

4. Ба машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ мунтазам ва дар вақташ ҳатман иштирок намуда, ҳама гуна супоришҳоро, ки мутобиқи нақша ва барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд, сари вақт иҷро намояд.

5. Даҳ дақиқа пеш аз оғози дарс дар утоқи дарсӣ ҳозир гардад ва ҳангоми ворид гардидани омӯзгор ӯро рост истода истиқбол гирад.

6. Нисбат ба моликияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино (бино, воситаҳои техникӣ, миз, курсӣ, ҷевон, дастурҳои таълимӣ, китоб, маҷалла, рӯзнома, аёният ва ғайра) эҳтиёткор бошад.

7. Ба дарс бо лавозимоти хониш: ҷузвдон, дафтар, қалам, ручка, хиълат ва кӯлоҳи тиббӣ ва лавозимоти тиббие, ки дар раванди дарс истифода мешавад, ҳозир шавад.

8. Дар давраи донишҷӯӣ аз истифодаи мошинҳои шахсӣ ҳангоми омадан ба муассисаи таълимӣ худдорӣ намуда, ба риояи тартиботи ҷамъиятӣ эътибори махсус диҳад.

9. Эҳтироми омӯзгоронро ба ҷо орад, шаъну шарафи онҳоро ҳимоя кунад ва вазифаву супоришҳои онҳоро сари вақт иҷро намуда, ба ҷараёни дарс халал нарасонад.

10.Дорои дониши илмӣ-назариявӣ бошанд, дараҷаи илмӣ, фарҳангӣ ва малакаи амалии худро такмил диҳад, дар корҳои ҷамъиятии факултет ва донишгоҳ фаъолона иштирок намоянд.

11.Дар мавриди ба дарс бо сабаби узрнок ва ё беморӣ иштирок накардан, ҳуҷҷати тасдиққунанда пешниҳод намояд.

12.Калонсолон, ҳамсабақон ва ҳамсолони хешро эҳтиром намуда, бо онҳо бо лутфу меҳрубонӣ муносибат кунад. Одоби муошират ва этикети донишҷӯиро риоя карда, аз арзишҳои баланди маданияти тараққикардаи ҷаҳони пешрафта огоҳ бошад.

13.Талаботи муҳофизат ва гигиенаи меҳнат, бехатарии воситаҳои техникӣ, санитарӣ, истеҳсолӣ ва тадбирҳои зидди сӯхторро, ки дастурамалҳои дахлдор муайян намудаанд, риоя намояд.

14.Дар дохили бинои таълимӣ, роҳрав ва толорҳои ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино носу сигор накашад, нӯшокиҳои спиртиву моводи мадҳушкунанда истеъмол нанамояд, аз телефонии мобилӣ истифода набарад ва бо садои баланд ҳарфназанад.

15. Дар ҳама навъҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ: конференсия, олимпиада, симпозиум ва маҳфилу озмунҳо иштирок кунад ва бо маърӯзаҳо баромад намояд.

16.Обрӯ, мақом ва манзалати ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Синоро бо фаъолияти пурсамари хеш баланд бардорад.

17.Ихтисоси интихобкардаашро дӯст дорад ва барои мутахассиси асили соҳаи худ шудан мунтазам саъю кӯшиш намоянд.

18.Дар корҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва чорабиниҳои сиёсии донишгоҳ, факулта ва кафедра фаъолона саҳм гузорад.

19.Дар биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои донишгоҳ навбатдорӣ карда, талаботи навбатдорро ҳатман риоя намояд.

20.Узви доимии китобхонаҳо (анъанавиву электронӣ) ва хазинаҳои иттилоотии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ бошад.

21.Дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи касбии хешро баланд бардошта, қобилияту истеъдодашро сайқал диҳад.

22.Дар саҳифаҳои маҷмӯаҳои илмӣ ва воситаҳои ахбори умум бо гузориш ва мақолаҳои илмӣ – оммавӣ баромад намояд.

23. Маърифати тарзи ҳаёти солимро дар миёни омма, ки аз тарафи донишгоҳ гузаронида мешавад, тарғиб намояд.

24. Арзишҳои умумиинсонӣ ва маънавиро пос дорад. Миллатҳои дигарро (новобаста аз ранги пӯст, забон, дин ва мансубияти ҳизбӣ) ҳурмат кунад ва баҳри таҳкими дӯстиву ҳамкорӣ бо онҳо ҷидду ҷаҳд намояд.

25. Ғояҳои асосии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, ки дар мафҳуми ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, арзишҳои муҳими умумибашариву умумимиллӣ ифода мешаванд, муқаддас шуморад ва дар пиндор, гуфтор ва рафтори хеш онҳоро амалӣ гардонад.

**Эзоҳ:** Ба донишҷӯ барои риоя накардан қоидаҳои тартиботи дохили донишгоҳӣ ва уҳдадориҳои дар боло зикргардида, бо дарназардошти хусусият ва қоидавайронкунии содирнамудааш, муҷозоти интизомӣ, то хориҷ аз Донишгоҳ таъин карда мешавад.

Барои бо мошинҳои шахсӣ ба донишгоҳ ҳозир шудан, вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, дар асоси хулосаи мақомотҳои дахлдор беҳуқуқи барқароршавӣ аз Донишгоҳ хориҷ карда мешавад.